# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025- 44 саҳ.).**

Раванди ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ вобаста ба пешрафти технологияҳои иттилоотӣ боиси пайдоиши намудҳои нави ҷиноятҳо гардидааст, ки хавфнокии ҷиддиро барои ҷомеа ва давлат ба вуҷуд овардаанд. Дар ин замина, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 28 бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» меъёрҳои мушаххасеро пешбинӣ намудааст, ки ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотиро дарбар гирифта, ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ муқаррар мекунад.Масалаҳои татбиқи меъёрҳои мазкури КҶ ҶТ асосии автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшодро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 44 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Дилшод ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бахшида шуда, аҳаммияти он бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши ҷиноятҳо дар ин соҳа ба таври назаррас баланд мебошад. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва самаранок

намудани муқовимат бо чунин ҷиноятҳо саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба мушаххас намудани аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, такмили истилоҳоти ҳуқуқӣ, муайян намудани таркиби ин ҷиноятҳо ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳодҳои амалӣ ва бунёдӣ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки «муқарраротҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои таҳдидҳои муосири кибериро фаро намегиранд, ки ин метавонад барои ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагон мушкилиҳо эҷод кунад» (саҳ.6). Ҳамчунин муаллиф ба таври асоснок андешаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки «истифодаи истилоҳи «киберҷиноятҳо» нисбат ба ҷиноятҳое, ки дар боби 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, асоснок ҳисобида намешавад» (саҳ.14).

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани

меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди дуюм муаллиф баён медорад, ки «қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ дорои таркибҳои ҷиноятие мебошанд, ки барои КҶ ҶТ хос нестанд. Аз ин рӯй, ворид намудани чунин таркибҳои ҷиноятӣ ба КҶ ҶТ мувофиқи мақсад дониста мешавад» (саҳ. 13). Вале аз ҷониби муаллиф мушаххас таркиби чунин ҷиноятҳо, ки зарурат ва асоснокии ҷойгир намудани онҳо дар КҶ ҶТ вуҷуд дорад, ба таври дақиқ нишон дода нашудааст. Аз диссертан хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо равшан созад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

Суроғаи муқарриз: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Ғуломов, 35, хонаи 9
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«18» июни 2025

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.:
+992 (37) 223-06-10; (+992) 93-823-18-23
E.mail: komron231823@gmail.com; e-mail:dushanbe80@yahoo.com